АЗ СУХАН ПУХТА ШАВАД ХОМИ ҲАМА!

# ДАРМОНБАХШ

E-mail: darmonbakhsh2017@mail.ru Нашрияи Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

№ 9 (39) 22 декабри соли 2021, чоршанбе
(Оғози нашр: соли 2017)

# ТАБРИКОТИ ДИРЕКТОРИ МДТ «КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ КӮЛОБ БА НОМИ РАҲМОНЗОДА РАҲМАТУЛЛО АЗИЗ» АЗИЗЗОДА ЗУБАЙДУЛЛО БА МУНОСИБАТИ СОЛИ НАВИ МЕЛОДИИ 2022 ВА ҲИСОБОТИ ҶАМБАСТИИ СОЛИ 2021

Омӯзгорон ва донишҷӯёни гиромӣ! Дӯстони азиз! Боиси хушнудист, ки шумораи навбатии рӯзномаи «Дармонбахш» дар арафаи Иди Соли нав аз чоп баромад ва чанд рӯз пас мо Соли нави 2022-ро истиқбол мегирем. Аз фурсат истифода бурда, бо фарорасии Соли нав хамаи омӯзгорон ва донишҷӯёни Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Рахмонзода Рахматулло Азиз»-ро аз номи хайати мушовараи коллеҷ ва шахсан аз номи худам самимона табрик менамоям. Ба Шумо ва наздиконатон тансиҳатию хонаободӣ ва дар кору фаъолият бахри рушду пешравии харчи бештари Тоҷикистони соҳибистиқлол комёбию муваффақиятҳои беандоза орзумандам.

Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Рахмонзода Рахматулло Азиз” супоришҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва хифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро сармашқи кори худ намуда, дар соли хониши 2020-2021 таълиму тарбияро дуруст ба роҳ монда, бахри ҳиссагузорӣ дар ободии кишвар мебошанд. Раванди таълим мутобиқи нақшаҳои таълимии аз тарафи Вазорати маориф ва илм, Вазорати тандурустӣ ва хифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда ба роҳ монда шудааст. Айни замон Коллеҷ дорои 4-бинои таълимӣ. 1-бинои хобгоҳ барои донишҷӯён,1-ташхисгоҳҳои таълимӣ-лабораторӣ.1-маркази таълимӣ-истехсолии фарматсептӣ.1-маркази таълимӣ- табобатии стоматологӣ бо устохонаи дандонсозӣ.1-маркази омӯзиши малакаҳои амалии хамширагӣ. 141-кабинетҳои таълимӣ. 3-синфхонаи компютерӣ. 1-майдончаи варзишӣ.1-толори варзишӣ.1-толори маҷлис барои 110 нафар мебошад. Аз оғози сол кабинети ташхиси лабораторӣ, 16 синфхонаи таххонаи бинои №1 таълимӣ, нуқтаи тиббӣ, роҳравҳои дохили бинои №1 таълимӣ сафолпӯш гардида,толори маҷлигоҳ пурра аз таъмири капиталӣ бароварда шуд. Дар коллеҷ пайваста корҳои ободонию бунёдкорӣ ба роҳ монда шудаанд. Ҳоло таъмири капиталии бинои асосии муассиса идома дорад. Дар назди варзишгоҳи коллеҷ як гармхона бо масоҳати 48м2 сохта ба истифода дода шуд ва мавриди истифода аст, Бинохои собик маркази вилоятии дандонпизишкӣ ва маркази вилоятии эндокринологӣ, ки ба тавозуни муассиса гузаронида шуданд, аз таъмири капиталӣ бароварда шуда, дар бинои яке аз онҳо синфхонаҳои фанҳои дақиқ ва дар дигаре кафедраи забон ва адабиёти тоҷик ҷойгир карда шуданд. Ҳоло дар муассиса бунёди сохтмони бинои иловагии таълимӣ иборат аз ду толори лексионӣ барои 120 нафар ҷойи нишаст ба нақша гирифта шудааст. Айни замон сохтмони бинои хобгоҳ барои донишҷӯён иборат аз 9 ошёна барои 700 нафар идома дорад. Шумораи компютерхо дар Коллеҷ 151-адад, принтерхо 41-адад, тахтаҳои электронӣ 12, проектори мултимедӣ 13 ададро ташкил медиҳад.

## ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ

Аз оғози сол аз тарафи омӯзгорони кафедраҳои гуногун 35 дарси кушоду намунавӣ, 8-конференсияи илмӣ - сиёсӣ, 15-конференсияи илмӣ - назариявӣ, 3 викторинаи фаннӣ, 13- озмунҳои касбии тахассусӣ ташкилу баргузор карда шудаанд. Озмунҳои дохилимуассисавии “Фурӯғи субҳи доной китоб аст” ва “Илм фурӯғи маърифат” баргузор карда шуда,ғолибон барои иштирок ба даври ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифтанд.Ҷадвали баргузории санҷишу имтиҳонҳо аз тарафи ҷонишини директор оид ба корҳои таълимӣ ба имзо расонида шуда, кабинету синфхонаҳои имтиҳонӣ бо васоити зарурии таълимӣ, таъмин карда шуда, саволномахо дар ҷаласаҳои кафедрахо мухокима ва тасдиқ карда шуда буданд. Имтиҳонҳои сессияи тобистона ва зимистона тибқи ҷадвал ба анҷом расонида шуда, ҳисоботҳо ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд. Таҳлилхо нишон дод, ки мутобиқи ҷамъбасти сессияҳои тобистона дар муқоиса нисбат ба соли тахсили 2019-2020 дар соли тахсили 2020-2021 нишондодҳои азхудкунӣ 1,6% ва сифати тахсилот 8,8% боло рафтааст.



Аттестатсияи хатм мутобиқи Низомномаи аттестатсияи хатми донишҷӯёни муассисаҳои тахсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.04 соли 2017, №1234 тасдиқ карда шудааст ба роҳ монда шуд. Раисони комиссияи аттестатсияи хатм тибқи фармоиши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хисоби устодону табибони ботаҷриба, вобаста ба ихтисосҳо таъин карда шуданд. Мутобиқи натиҷаи аттестатсияҳои хатм нишондоди сифати таҳсилот дар соли тахсили 2020-2021 нисбат ба соли тахсили 2019-2020 22,3% боло рафтааст. Соли 2021 Коллеҷро 1152 нафар донишҷӯён аз рӯйи ихтисосҳои амалкунанда хатм намуданд. Аз шумораи зикргардида 548 нафар тариқи буҷавӣ ва 604 нафар тариқи шартномавӣ, 37 нафар бо дипломи аъло ва боқимонда бо дипломи муқаррарӣ хатм намуданд.

Дар соли таҳсили 2020-2021, дар коллеҷ 4 нафар донишҷӯёни аълохон гирандагони стипендияи номӣ мебошанд, аз ҷумла; Шукронаи Рахмоналӣ —донишҷӯи курси 4-уми факултети “Кори табобатӣ” гирандаи стипендияи Президентӣ дар соли 2021 мебошад. Гирандагони стипендияи Раиси вилояти Хатлон 3 нафар мебошанд. Соли таҳсили 2021-2022 дар Коллеҷ аз тарафи фарзандони профессор Рахмонзода Рахматулло Азиз стипендияи номӣ таъсис дода шуд, ки ҳаҷми солонаи он ба 10 ҳазор сомонӣ баробар мебошад. Санаи 29-уми октябри соли 2021 стипендияи ба номи профессор Рахмонзода Рахматулло Азиз ба 10 нафар донишҷӯёни аълохон ба миқдори 1000 сомонӣ тақдим карда шуд.

Дар озмуни кушоди ҷумҳуриявӣ аз фанҳои физика ва математика, байни донишҷӯёни муассисаҳои тахсилоти миёнаи касбӣ, ки бахшида ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” шуда гузашт, донишҷӯёни муассисаи мо Одинаев Раҷабалӣ донишҷӯи курси 1 — ум факултети «Кори фарматсевтӣ» фанни физика соҳиби ҷойи дуюм ва Ҷурахонзода Шодӣ донишҷӯи курси 1 — ум факултети «Кори фарматсевтӣ» аз фанни математика бо ифтихорнома сарфароз гардонида шуданд. Дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ, ки моҳи май бахшида ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” доир шуд дар байни 79 коллеҷҳои ҷумҳурӣ 5-нафар донишҷӯёни коллеҷи мо низ иштирок доштанд ва аз фанни информатика ҷойи ифтихорӣ ро сазовор гаштанд.

Нақшаи қабули довталабон дар соли тахсили 2021-2022, барои 870 нафар тасдиқ карда шудааст. Дар фехристи таксимоти ду давраи қабул, мувофиқи натиҷаи имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ тариқи Маркази миллии тести назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 866 нафар донишҷӯ қабул карда шудаast, ки 739 нафарашон духтар мебошанд. Бидуни Маркази миллии тести назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқи мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.08 соли 2021, №01 (01) 01-76, 331 нафар донишҷӯ тариқи шартномавӣ қабул карда шудааст, ки 281 нафарашон духтар мебошанд. Аз шумораи умумии 1197 нафар донишҷӯ қабул карда шуда 233 нафар тариқи буҷавӣ ва 964 нафар тариқи шартномавӣ ба тахсил фаро гирифта шудаанд. Нақшаи қабул барои соли тахсили 2021-2022 аз ҷониби маркази тестӣ ба пуррагӣ иҷро гардид. Аъзоёни бахши назорати сифати тахсилоти коллеҷ якҷоя бо экспертҳои фаннӣ дар соли хониши 2021, мувофиқи нақшаи кории бахши идоракунии назорати сифати таҳсилот, дар фаъолияти худ, раванди сифати таълим, иштироки донишҷӯён ба дарсхо, дастрасии маводҳои таълимӣ, фаъолияти худи омӯзгорон ба дарс, омода будани ҳуҷҷатгузории онҳо, истифодаи аёниятҳо, сару либоси намунавии донишҷӯён ва омӯзгоронро тахти назорати ҷиддӣ гирифтанд.



## ФАЪОЛИЯТИ ТАРБИЯВӢ

Аз оғози сол корҳои зерин дар ин самт ба анҷом расонида шуданд: Чорабиниҳои тантанавӣ-тарбиявӣ, бахшида ба 26-умин солгарди таъсисёбии Артиши миллӣ, «Рӯзи Модар», "Наврӯзи оламафрӯз", "Рӯзи мудофиаи граждани", "Рӯзи Оила", "Дави миллӣ", "Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон", Рӯзи Қушунҳои Сархадии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Конференсияҳои илмӣ-назариявӣ бо номи «Идат муборак модарҷон", «Мубориза алайҳи бемории сил», "Иди Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ" ташкил ва баргузор карда шуд. Донишҷӯёни коллеҷ дар озмунҳои шаҳрии намоиши либосҳои миллӣ, иншои бехтарин дар мавзӯи «Ҷавонон нерӯи созандаи миллатанд» иштирок намуда, ҷойҳои сазоворро соҳиб гаштанд. Донишҷӯён дар воҳӯрии фаъолдухтарон бо иштироки раиси занони вилоят, озмуни «Ҷилваи хунар» ва дигар чорабиниҳои тантанавӣ дар вилоят иштирок доштанд.

с. 3

Ба кор ой андар ин корам ба як чиз,
Ки рӯзе ман ба кор оям туро низ. \Низомӣ\



## 3 ДЕКАБР – РӮЗИ УМУМИҶАҲОНИИ МАЪЮБОН

# КОРИ АРЗАНДА БАРОИ МАЪЮБОН

**Ассамблеяи Генералии СММ соли 1992 дар сессияи 47 –уми (дар ресолютсия № A/RES/47/3) рӯзи умумиҷахонии маъюбонро муаян кард. Ассамблеяи Генералӣ ҳамаи кишварҳо ва созмонҳои байналмилалиро даъват кард, ки дар гузаронидани ҳарсолаи ин рӯз 3 декабр ҳамкорӣ намоянд.**

**Тахмина Раҷабова, донишҷӯи курси 1, Кори момоии КТК**



Мақсади гузаронидани чорабинии Рӯзи байналмилалии маъюбон – диққат додан ба мушкилоти шахсони қобилияти меҳнатиашонро аз даст дода, имконияти иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ, ҳимояи ҳуқуқи онҳо, озодӣ ва этибори онҳо. Дар ин рӯз конференсияҳои гуногуни дидабарояндаи мақсад ва самти кор оид ба беҳтарсозии сатҳи зиндагии ин гурӯҳ одамон, ташкили шароити мусоид барои онҳо.

Мақсади асосии чорабинӣ барои мактаббачагон – ташкили фаъолият, ҳамоне, ки иҷозат медиҳад муносибати боақлона ва дурустро бо одамони имкониятaшон маҳдуд коркард намояд, диққат ба мушкилоти кӯдакони маъюб. Ин рӯз ҳар сол дар Россия, Украина, Беллорусия ва дигар кишварҳои ҷаҳон ҷашн гирифта мешавад. Аз ҷумла дар Тоҷикистони азизи мо низ. Анъана: спартакиадаҳои махсус, аксияҳои эҳсонкорӣ, форумҳо, клубҳои мубоҳисавӣ, ширкатҳои иттилоотӣ.

Дар чорабиниҳо одамони дорои камбудии ҷисмонӣ, ва камбудии равонӣ доранд иштирок мекунанд. Ба идкунӣ ҳамроҳ мешаванд, онҳое, ки ба онҳо фарқ дорад иштироки одамони солими пурра ва одамони имкониятaшон маҳдуд дар пешравии ҷомеа ва давлат дар умум.

**Қурбонализода Лайло, донишҷӯи курси 2, Кори момоии КТК**



..... Ҳайати Кумитаи ҳамоҳангсози оид ба масъалаҳои тандурустӣ тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар сатҳи ноҳияҳо таъсис дода шуда, нақша чорабиниҳои кумитаи ҳамоҳангсозӣ оид ба масъалаҳои тандурустӣ тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоии маъбон дар сатҳи ноҳияҳо тасдиқ карда шудааст. Дар маркази саломатии ноҳияҳо ҳуҷраи бақайдгирӣ барои картаҳои дармонгоҳи маъюбон дар алоҳидагӣ ташкил карда шудааст, ки теъдоди умумии маъюбон, ки дар шаҳр ва ё ноҳия чанд нафарро ташкил медиҳанд. Аз ин шумора чанд нафарашонро маъюбони аз овони кӯдакӣ то 18 сола, чанд нафарашонро шумораи маъюбони калонсол ташкил медиҳад ба қайд гирифта мешаванд. Ҳамчунин, маҷрӯҳони гурӯҳи якум ҳамагӣ чанд нафар, гурӯҳи дуюм чанд нафар, гурӯҳи сеюм чанд нафар дарҷ меёбанд. Мушкил он аст, корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни мардум ба таври лозима бурда намешавад, то нафарони маъюби модарзод дар деҳоти дурдаст низ маълумот пайдо кунанд, ки бояд он кӯдаки маъюб ҳуҷҷатҳояш дуруст карда шуда, ба комиссияи тиббӣ пешниҳод карда шавад, то аз кӯмакпулии маъюбӣ ва дигар имтиёзҳое, ки давлат барои ин гурӯҳ муаян кардааст бархӯрдор бошанд.

**Малоҳат Раҳмонова, донишҷӯи курси 2, Кори момоии КТК**



Таърихи анъанаи идкунӣ, 16 декабри соли 1976 резолютсияи Асамблеяи Генералии СММ № A/RES/31/123 соли 1981 –ро соли байналмилалии маҷрӯҳон эълон кард ва давраи солҳои 1983 то соли 1992 –ро бошад даҳсолаи маъюбон эълон намуд. Баъдтар бошад Шӯрои маслиҳатӣ таъсис ёфта, даъватҳо қабул шуданд ва барномаи амал коркард шуд.

3 декабри соли 1982 машварати пленарии 90-ум шуда гузашт, ки он дар доираи соли байналмилалии маҷрӯҳон ҷамбаст шуд. Муаян карда шуд, ки бо тамом шудани ин давра вазъияти одамони имконияти маҳдуддошта беҳтар гашта, сатҳи иттилоотонии мардум баланд бардошта шудааст.

Баробари тамом шудани барномаи даҳсолагии маҷрӯҳон дар бораи тасдиқи рӯзи байналмилалии маҷрӯҳон қарор қабул карда шуд. Идро Ассамблеяи Генералии СММ дар сессияи 47 –уми (дар ресолютсия № A/RES/47/3) аз 14 октябри соли 1992, 16 октябри соли 1992 дар ресолютсия № A/RES/47/88) рӯзи умумиҷаҳонии маҷрӯҳонро муаян кард. Ассамблеяи Генералӣ ҳамаи кишварҳо ва созмонҳои байналмилалиро даъват кард, ки дар гузаронидани ҳарсолаи ин рӯз 3 декабр ҳамкорӣ намоянд, ки маъюбонро ба ҳаёти ҷомеа ҳамроҳ намоянд.

**Инобати Ҳотам, донишҷӯи курси 1, Кори момоии КТК**



13 декабри соли 2006 Ассамблеяи Генералии СММ дар резолютсия № A/RES/61/106 Конвенсияи СММ оиди ҳуқуқи маҷрӯҳонро қабул кард. Ҳар сол ид бо даъватҳои нав мегузарад. Дар ин руз барномаҳои консертӣ ташкил карда, конференсияҳо мегузаронанд. Воҳӯриҳо бо маҷрӯҳон гузаронида мешаванд. дар муассисаҳои таълимӣ дарсҳои беруназсинфӣ ва сӯҳбату мубоҳисаҳо ташкил мекунанд. Фактҳои ҷолиб:Дар давраи ҶБВ халабонҳо, онҳое, ки маъюб гаштанд, барои ватан мубориза бурданро давом доданд. Таърихи 3 нафар чунин одамон бо аз даст додани бинойӣ, 1 нафар бе даст, 6 нафар бе пой ва 3 нафари дигар аз кобилияти корӣ ба пуррагӣ маҳрум.

Мувофиқи маълумотҳои Омории Федератсияи Руссия то охири соли 2015 дар ФР 12,93 млн. маъюбон, аз он 1,36 млн. – I гурӯҳ, 6,47 млн. – II гурӯҳ , 4,49 млн. – III гурӯҳ, 0, 61 млн. – кӯдакони маъюб зиндагӣ мекард.

**Дилбарҷон Шукурова, донишҷӯи курси 1, Кори момоии КТК**



Мақсади асосии ин рӯз ҳамгироии ҳуқуқҳои маъюбон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ҳамчунин, ҷалби ҷомеаи васеъ ба мушкилиҳои маъюбон.

Асамблеяи Генералӣ ҳамаи давлатҳо ва созмонҳои байналмилалиро даъват кард, ки дар гузаронидани ин рӯз ҳамкорӣ намоянд. Баъдтар, дар ҳамон сессия, дар резолютсияи № A/RES/47/88 Ассамблеяи Генералӣ давлатҳои аъзои СММ-ро барои гузаронидани чорабинии шиносоии Рӯзи байналмилалии маъюбон ба мақсади ҳамгироии маъюбон дар ҳаёти ҷомеъа даъват кард,

Мавзӯҳои рӯзи байналмилалии маъюбон.

Солҳои 1998 – «Санъат, фарҳанг ва тарзи мустақили ҳаёт», 1999 – «Дастрасӣ барои ҳама дар ҳазорсолаи нав», 2000 – «Ташкили технологияи информатсионӣ, кор барои ҳама», 2001 – «Иштироки пурра ва баробарӣ: талаби муносибатҳои нав барои баҳои пешравӣ ва баҳои натиҷа», 2002 – «Ҳаёти мустаъқил ва моҳонаи тобовар», 2003 – «Овози шахсии мо», 2004 – «Ҳеҷ чиз дар бораи мо бе мо», 2005 – «Ҳуқуқҳои маҷрӯҳон: фаъолият дар давраи инкишоф», 2006 – «Дастрасӣ ба васоити ахбори электронӣ», 2007 – «Кори арзанда барои маҷрӯҳон», 2008 – «Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маҷрӯҳон: эътибор ва боадолатӣ барои ҳамаи мо»,

**Қаҳрамон Камолов, сартабиби МД БҶК-и ноҳияи Данғара**



Маҷрӯҳ касе ҳаст, ки ҳам алами замон дорад ва ҳам алами маҷрӯҳии бадан. Заррае норохатӣ боз чунин нафаронро дилшикастатар мегардонад. Ҳамаи ин маҷрӯҳиву ҳаёти онҳо барои ҳамаи мо мардумони солим дарс аст. Онҳо аз мо ҳеҷ камие надоранд, дар ҳаёти ҷомеа, дар ҳаёти шахсӣ ва дар сӯҳбату ҳунару истеъдод. Ҳам ба паҳлуи исломӣ ва ҳам ба паҳлуи қонунҳои нонавиштаи инсонӣ эҳтироми хосаро сазоворанд маҷрӯҳон дар ҳаёти мо. Афсӯс, ки дар байни мо ҳастанд гурӯҳи одамоне, ки ба ҷои дилбардорӣ ва дастгирӣ кардан ба ин гурӯҳи одамон беэҳтиромӣ намуда, боз мазоху масхара ҳам мекунанд. Ҳатто ба суроғаи онҳо мисли тақлид барин корҳоро ба ҷо меоранд.

Барои чӣ маҷрӯҳ мегӯем? Барои он, ки қисме аз ин гурӯҳ одамони дардманд ва маҷрӯҳ замоне солим буданд ва бо сабаби садамае ва ё дардмандие, беморие мубталои ин маҷрӯҳӣ гаштанд, ё аз роҳравӣ монданд, ва ё аз даст маҳрум гаштанд, ва ё аз узви бинойӣ ва ё аз сухани дуруст гуфтан, ва ё умуман аз сухан гуфтан, ё худ ба пуррагӣ аз акл бегона гаштанд. Пас агар, ки мо эҳтироми ин гурӯҳро ба ҷо наорем, ки медонад, шояд нафаре аз моро, ва ё нафаре наздики аз моро чунин қисмат шояд домангир бошад ва он гаҳ мо ба дарду ҳасрати ин гурӯҳи одамон шояд бирасем. Пеш аз ҳама инсон одамгариро набояд гум кунад, вагарна чӣ рӯзҳое ба сари мо намеоянд.

**С.Ҷалолов, роҳбари КАТС ноҳияи Кӯлоб**



Чӣ хуш аст, ки дар ҳар давру замоне одамони саховатпеша ва ҳимматбаланде пайдо мешаванд ва қарзи одамгарии худро адо мекунанд. Бахусус ба хонаи ятимон ва ё ба мактабинтернатҳои маъюбон, ё ба хонаи одамони маҷрӯҳи кӯҳансол дасти кӯмак дароз мекунанд. Ҳатто ба нафарони алоҳидаи маҷрӯҳ аробачаи маҷрӯҳӣ ва ё асобағал, ё худ дигар лавозимоти барои рӯзгори эшон лозима харидорӣ мекунанду дар ҳаёти онҳо беҳбудие бо мадади худованд мекунанд. Ҳатто Пешвои миллат дар ҳар баромад ва ҳар як воҳӯрии худ бо кӯдакони ятим ва маҷрӯҳ таъкид карда кумаку дастгириашон менамояд ва аз соҳибкорон ва ҳимматбаландон даъват мекунад, то ки онхо кӯмак карданро ба ин табақаи ҷомеа фаромӯш насозанд.

10 сол қабл дар биноҳои баландошёнаву роҳраву зинапояҳо ва даромадгоҳҳои марказҳои савдо ва биноҳои баландошёна ва бозору паркҳо ва роҳҳои зеризаминӣ ҳудуд ва гӯшаи роҳрав ва ё зинапоя ва даромадгоҳро барои нафарони маҷрӯҳ бахусус аробачаи онҳо ҷудо намекарданд ва нафари бо аробачаи маҷрӯҳи ба сайр ва ё барои харид кардан баромадан дар чунин ҷойҳо ба монеаҳо рӯ ба рӯ мешуд. Шукронаи соҳибистиқлолӣ ва кӯмаки ташкилотҳои байналхалқӣ, ки ин камбудиро дар 10 соли охир бартараф карданд ва дар бештари ин маконҳои ишорашуда ҳатман гӯшае, ва ё ҷое паҳлуи роҳрав, ва ё зинапояи одамони солим гӯшаи махсус барои ҳаракати аробачаи маҷрӯҳӣ карда шудааст.

**«Дармонбахш»**

ДАРМОНБАХШ
АЗ СУХАН ПУХТА ШАВАД ХОМИ ҲАМ
e-mail: darmonbakhsh@mail.ru Нашрияи Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии давлатии шаҳри Кӯлоб»
№1 (1) 21 марти соли 2017, сешанбе (оғози нашр: соли 2017)

МУАССИС:
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ КӮЛОБ» БА НОМИ РАҲМОНЗОДА РАҲМАТУЛЛО АЗИЗ

САРМУҲАРРИР
Билоли ШАМС

МУШОВИРОН:
Азиззода Зубайдулло Абдулло, номзади илмҳои тиб, директори МДТ “Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб” ба номи Раҳмонзода Р.А.
Назарзода Ҷумахон Шамс, мушовири директори МДТ “Коллеҷи тиббии ш.Кӯлоб” ба номи Раҳмонзода Р.А.
Фариддун Сафаров, номзади илмҳои тиб;
Ниёзмад Шомадов, номзади илмҳои тиб;
Латофат Ҳакимова, ҷонишини директор оид ба таълими Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 230/РЗ-97 аз 04. 12. 2020 ба қайд гирифта шудааст.

РӮЗНОМА БО ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ

ТЕЛЕФОН:
Идора: (918) 81 – 17 – 92

Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт» бо теъдоди 3000 нусха чоп карда шуд.

Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНИИ МО:
735360, ш.Кӯлоб, кӯчаи А.Абдураҳмонов, 7
E-mail:
darmonbakhsh2017@mail.ru

Аз дарахтони дигарон барчин,
В-аз паи дигарон дарахт шинон. \Саъди Салмон



# ТАБРИКОТИ ДИРЕКТОРИ МДТ «КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ КӮЛОБ БА НОМИ РАҲМОНЗОДА РАҲМАТУЛЛО АЗИЗ» АЗИЗЗОДА ЗУБАЙДУЛЛО БА МУНОСИБАТИ СОЛИ НАВИ МЕЛОДИИ 2022 ВА ҲИСОБОТИ ҶАМБАСТИИ СОЛИ 2021



Дар толори муассиса аз тарафи омӯзгорони кафедраи фанҳои "Гуманитарӣ" рӯзи 5 ноябр Конференсияи илмӣ – сиёсӣ дар мавзӯи "Конститутсия бахтномаи миллат" бахшида ба 27 солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 16 ноябр конференсияи илмӣ назариявӣ доир ба мавзӯи "Эмомалӣ Раҳмон - Пешвои тоҷикони ҷаҳон", бахшида ба Рӯзи Президент ва рӯзи 23 – уми ноябр бошад Конференсияи сиёсӣ – фарҳангӣ бахшида ба 29-умин солгарди қабули Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардид. Бахшида ба 1 декабр - Рӯзи ҷаҳонии мубориза алайҳи ВНМО аз тарафи кафедраҳои "Кори ҳамширагӣ", "Тибби оилавӣ", "Момоӣ ва бемориҳои занона" конференсияи таълимӣ гузаронида шуд. 10 нафар донишҷӯдухтарони коллеҷ дар фестивали ҷумҳуриявии «Чакомаи гесӯ», ки бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар ш.Душанбе иштирок намуда, бо мукофотпулиҳо қадрдонӣ карда шуданд.Санаи 20-уми марти соли 2021 бо иштироки ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Абдуҷаббор Раҳмонзода, Раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода, раиси ш.Кӯлоб А.И. Ализода ва дигар меҳмонони олиқадр, дар коллеҷ осорхонаи профессор Раҳмонзода Р.А.ифтитоҳ гардид. Донишҷӯёни МДТ "Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А." дар бартарафсозии оқибатҳои сел дар шаҳри Кӯлоб, ки моҳи майи соли 2021 рух дода буд фаъолона иштирок намуданд.

Чорабиниҳои варзишӣ ва фаолияти нуқтаи тиббӣ Коллеҷи тиббӣ дорои майдони варзишӣ ва толори варзишии замонавӣ мебошад, ки дар он машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва мусобиқаҳои гуногун гузаронида мешаванд. Дар муассиса аз ҳисоби донишҷӯён дастаҳои варзишии (писаронаву духатрона)-и футбол, волейбол, баскетбол ва дастаҳои гуштин ва дигар намудҳои варзиш омода карда шудаанд. Дар таърихи 29 ва 30-юми январи соли 2021, бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусобиқаи «Волейбол» байни дастаҳои муассисаҳои таълимии минтақаи Кӯлоб баргузор гардид, ки дар он донишҷӯдухтарони Коллеҷ сазовори ҷои аввал гардиданд.Чемпионати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба футбол байни бонувон, ки рӯзҳои 12 ва 14 марти имсол баргузор гардид дастаи коллеҷ сазовори ҷойи чорум гашт. Дар мусобиқаи кушоди шаҳрӣ оид ба намуди Волейболи мардона байни муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбии мустақар дар шаҳри Кӯлоб, ки бахшида ба Рӯзи Президент баргузор гардид дастаи варзишгарони МДТ «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А» соҳиби ҷои аввал шуд.

Дар ошёнаи якуми бинои асосӣ ва бинои хобгоҳи донишҷӯёни муассиса 2 нуқтаи тиббӣ фаъолият мекунад. Аз моҳи январи соли 2021 бо мақсади пешгирии бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла COVID-19 чорабиниҳои безараргардонӣ-профилактикӣ гузаронида мешаванд. Барои гузаронидани чорабиниҳои безараргардонӣ ва пешгирикунанда 100 кг хокаи 35%-и гипохлориди калсий, 10 000 адад ниқоб, 2 адад дастгоҳи пошиҳандаи антисептик барои безараргардонии дастон, 30 литр спирт ва 20 литр антисептик, 10 адад либоси муҳофизатӣ, 140 адад дастпӯшак аз тарафи ВТ ва ҲИА Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас карда шудааст. Коллеҷ барои гузаронидани чорабиниҳои безараргардонӣ бо муассисаи давлатии дезенфексияи профилактикии шаҳри Кӯлоб шартномаи дутарафа бастааст, ки мувофиқи он моҳе як маротиба биноҳои муассиса бесироят карда мешаванд. Ҳамаи омӯзгорону донишҷӯён аз ниқобҳои тиббӣ васеъ истифода мебаранду аксари онҳо бар зидди бемории COVID-19 ваксина қабул намудаанд.

## ТАҶРИБАОМӮЗИИ ДОНИШҶӮЁН ВА КИТОБХОНА

Дар Коллеҷ тамоми намуди таҷрибаомӯзии донишҷӯён тибқи Низомнома "Оид ба таълими амалӣ дар Коллеҷҳои тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва дигар фармону фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, раванди таҷрибаомӯзӣ аз тарафи ҷонишини директор оид ба таълими амалӣ мудирони кафедраҳо ва деканни факултетҳо назорат карда мешавад. Таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ-истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ, ки дар муассисаҳои тиббӣ-профилактикӣ, дорухонаҳо ва лабораторияҳо вобаста бо фанҳои ихтисосӣ гузаронида мешаванд ва марҳилаи охирини таълимӣ ба шумор рафта, боз ҳам ба ташаккул ва соҳиб гардидан ба малакаҳои касбӣ нақши муҳим доранд. Коллеҷи тибббӣ бо 33 муасиссаҳои тандурустии шаҳрӣ ва вилоятии шаҳри Кӯлоб, инчунин бо беморхонаҳои марказии ноҳиявии минтақаи Кӯлоб шартномаҳои дуҷониба баста ҳамкориҳоро ба роҳ мондааст.

Имсол бо ворид кардани 3483 адад китобҳои тахассусӣ хазинаи китобхонаи коллеҷ ба 22 256 адад адабиёти таълимӣ расид, ки 10118 адади он адабиёти тахассусӣ, 11 903 адад бадеӣ ва 208 адад таърихӣ-сиёсӣ мебошанд. Дар китобхона 27 адад асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳфузанд, ки донишҷӯён ва омӯзгорон онҳоро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Ҳамчунин, дар назди китобхона, китобхонаи электронӣ бо 10 адад компютер ва 1 адад принтер пайваст бо хати интернетӣ фаъолият менамояд. Хазинаи китобхонаи электронӣ зиёда аз 10 000 нусха адабиёти таълимиро дар шакли электронӣ дар бар мегирад, ки донишҷӯён ва омӯзгорон аз он васеъ истифода менамоянд.

## ЗАМИНАИ КАДРӢ, ФАЪОЛИЯТИ МЕТОДӢ ВА ШАРОИТИ МАНЗИЛИЮ МАИШИИ ДОНИШҶӮЁН

Дар Коллеҷ айни замон 194-нафар омӯзгорон фаъолият менамоянд. 14 нафар омӯзгорони Коллеҷ бо медали "Аълочии тандурустӣ", 36 нафар бо медали "Аълочии маорифи Тоҷикистон" қадрдонӣ карда шудаанд. Дар Коллеҷ 5 нафар номзадҳои илм, аз ҷумла 2 нафар номзади илмҳои тиб, 1 нафар номзади илмҳои филологӣ ва 2 нафар номзади илмҳои педагогӣ фаъолият доранд. 59 нафар омӯзгорони дорои дараҷаи тахассуси олӣ, 21 – нафар дорои дараҷаи тахассуси якум ва, 23 – нафар бо дараҷаи тахассуси дуюм фаъолият мекунанд. Коргарони ҳамкор дар муассиса 229 нафарро ташкил медиҳанд. Аз оғози соли ҳисоботӣ ба Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустӣ 27-нафар кормандони миёнаи тиб ба такмили ихтисос сафарбар шуда, соҳиби «Шаҳодатнома» гаштанд. Дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти корҳои илмӣ-методӣ тибқи нақшаи корӣ ба амал бароварда шуд. Мазмуни асосии фаъолияти кори методиро коркарди роҳу усулҳои навини таълим, дар амал ҷорӣ намудани нишондодҳои ислоҳоти раванди таълим, омӯзиш ва таҷрибаи пешқадами устодони соҳибтаҷриба, таҳия тарҷума ва таҳлилу аз нав дида баромадани барномаҳои таълимӣ, машғулиятҳои кушоду намунавӣ ва амсоли инҳо ташкил медоданд, ки ҳар кадоми он андозае ҳаллу фасли худро ёфтанд. Дар муассиса дар давоми таътили зимистона бо мақсади баланд бардоштани сатҳи тахассуснокии омӯзгорон оиди раванди низоми кредитӣ семинари омӯзишӣ барои омӯзгорони ҷавон дар мавзӯи "Истифодабарии услубҳои муосири таълим дар низоми кредитӣ" ва "Омӯзиши технологияи компютерӣ" гузаронида шуд.

Дар хобгоҳ 559 нафар донишҷӯдухтарон истиқомат мекунанд. Пеш аз оғози соли таҳсил хобгоҳ аз таъмири пурра бароварда шуда, бо ҳама шароитҳо таъмин карда шудааст. Корҳои тарбиявӣ дар хобгоҳ мувофиқи нақша ба роҳ монда шуда, моҳе як маротиба суратҷаласа гузаронида мешавад. Мувофиқи нақша рӯзҳои шанбе ва якшанбе дар хобгоҳ бо гузаронидани шанбегиҳо гирду атрофи он тоза карда мешавад. Дар хобгоҳ пайваста озмунҳои ҳуҷраи беҳтарин, ошёнаи беҳтарин ташкил ва баргузор карда мешаванд.

## ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Коллеҷ баҳри беҳтар намудани раванду сифати таълим ва омодасозии мутахассисони миёнаи тиббӣ, табодули таҷриба ва воридсозии услубҳои муосири таълим ҳамкориро бо як қатор муассисаҳои таълимии миёна ва олии касбӣ, баъдидипломии ватаниву хориҷӣ, Пажӯҳишгоҳҳо ва ташкилотҳои байналхалқӣ ба роҳ мондааст. Аз он ҷумла коллеҷ бо ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии ҶТ, Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони маориф, ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва ғайра. Ҳамчунин, бо як қатор ташкилотҳои байналхалқӣ аз қабили Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ), UNFPA (Хазинаи нуфузи СММ), Коллеҷҳои тиббии шаҳри Санкт-Петербург, ш.Бишкек, ш. Нур-Султон, ш.Волгоград, ш.Тошканд барои мустаҳкам намудани пояи моддӣ-техникӣ, табодули таҷриба, истифодабарии услубҳои муосир ва байналфаъоли таълим ва такмили ихтисоси омӯзгорону кормандон ҳамкории самаранок дорад. Бо дасгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи амалисозии лоиҳаи "Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ ба модар ва кӯдак", Хазинаи Нуфузи СММ ва Бонки Исломии Рушд дар МДТ "Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А." ду синфхонаи таълимӣ барои беҳтар намудани омӯзиши фанҳои "Момоӣ ва бемориҳои занона" ба истифода дода шуд. Синфхонаҳои мазкур бо мизу курсӣ, муляжҳо, кондитсионер ва аёнияти таълим муҷаҳҳаз гардонида шуданд.

Рӯзномаи коллеҷ ва кумитаи иттифоқҳои касабаи муассиса Рӯзномаи коллеҷ таҳти унвони "Дармонбахш" моҳе 1 маротиба бо теъдоди 3000 нусха нашр карда мешавад. Дар рӯзнома мақолаҳо дар хусуси чорабиниҳои асосии сиёсӣ, тараққиёт ва дастовардҳои соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳон, дастовардҳои омӯзгорон ва донишҷӯёни коллеҷ, мақолаҳои омӯзгорон ва донишҷӯёни коллеҷ оиди масъалаҳои гуногун ба чоп мерасанд.

Дар давоми соли 2021 аз тарафи кумитаи иттифоқи касабаи омӯзгорон, ба табақаи камбизоати кормандони коллеҷ дар рӯзи "Соли нави мелодӣ" ба 20 нафар кормандони коллеҷ 5000 сомонӣ, дар рӯзи модарон 8-уми март ба 15 нафар бонувони коллеҷ ба арзиши ҳамагӣ 4000 сомонӣ, ба муносибати "Наврӯзи байналмилалӣ" ба 2 нафар кормандони муассиса, ифтихорнома ва мукофотпӯлӣ ба арзиши 500 сомонӣ. Ҳамчунин, бахшида ба "Рӯзи омӯзгорон" ба 30 нафар омӯзгороне, ки фаъолияти босамар дар таълиму тарбияи донишҷӯён нишон додаанд бо сипоснома ва мукофотпулӣ бо арзиши 6600 сомонӣ, қадрдонӣ карда шуданд. Ҳамчунин дар озмуни "Омӯзгори соли муассиса" барои соли таҳсили 2020-2021 ба 3 нафар омӯзгорон, ки ҷойҳои намоёнро ишғол намуданд сипоснома ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми 2300 сомонӣ тақдим гардид. Дар соли таҳсили 2020-2021, барои истироҳату солимгардонӣ дар санаторияҳо ба 7 нафар омӯзгорон 11 600 сомонӣ ҷудо карда шуд.

## МУШКИЛИҲО ВА НАҚШАИ ҲАЛЛИ ОНҲО

Новобаста аз дастовардҳои дар боло зикргардида, дар Коллеҷ мушкилиҳои зерин ҷой доранд: олотҳои тиббии муосир, аёниятҳои замонавӣ, реактив ва таҷҳизотҳои махсус барои корҳои лабораторӣ намерасанд; Ҳамчунин, нарасидани адабиётҳои муосир аз фанҳои клиникӣ ва махсус, кабинетҳои таълимӣ дар заминаҳои таълими амалӣ, аёниятҳо ва реактивҳо барои корҳои амалӣ мушоҳида мешавад. Инчунин, мавҷуд набудани дармонгоҳ ва клиникаи наздиколлеҷӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯёнро метавон қайд кард. Коллеҷи тиббӣ тасмим гирифтааст, бо дастгирии Ҳукумати ҶТ, ВМ ва И ҶТ, ВТ ва ҲИА ҶТ, ВРИ ва С ҶТ минбаъд, сохтмони хобгоҳи нотамоми барои 700 нафар донишҷӯёнро ба охир расонида, китобҳои таълимии омодакардашуда ба забони давлатиро аз чоп бароварда, ҳамаи кафедраҳо ва толорҳои лексиониро бо компютеру дигар таҷҳизотҳои эллектронии чопӣ, тахтаҳои электронӣ таъмин намояд. Ҳамчунин, таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои тандурустии шаҳри Кӯлоб пурзур намуда, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таълимӣ-методиро вусъат диҳад. сатҳи тахассуснокии омӯзгорон баланд бардошта шуда, сохтмони толорҳои лексионӣ ташкил ёфта, лабораторияҳои клиникию биокимиёӣ бо таҷҳизотҳои муосир кушода шуда, лоиҳаи сохтмони бинои нави таълимӣ ва дармонгоҳи наздиколлеҷӣ тасдиқ гардонида шавад. Инчунин, дигар мушкилиҳои дар боло номбаршударо маъмурият ва коолективи коллеҷ ҳал намуда, баҳри баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, малакаву маҳоратомӯзии касбии донишҷӯён тибқи стандартҳои байналмилӣ талош мекунад.

# 27 СОЛИ ПУРСАМАР

Дар толори МДТ «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.» дар таърихи 10 декабри соли 2021 аз тарафи ташкилоти ибтидоии ҲХДТ "Ворисони Сино" ҳамоиши тантанавӣ, бахшида ба таҷлили 27- умин солгарди таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, зери унвони «27 соли пурсамар» баргузор гардид. Дар ҳамоиш муовини Кумитаи марказии ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб Фирӯзи Саймуъмин ва омӯзгорону донишҷӯён иштирок намуданд.

Ҷамъомадро директори Коллеҷ Азиззода З.А. оғоз намуда, иброз доштанд, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон маҳсули андешаи Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Идеяи таъсиси ҳизби нави сиёсиро, ки фарогири ҳарчи бештари манфиатҳои давлат ва миллат мебошад, маҳз дар ибтидои соли 1993 сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд. Ғояҳои сиёсӣ ва иҷтимоии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз ҷониби аксарияти мардуми кишвар дастгирӣ ёфта, дар бартараф намудани мухолифатҳои дохилӣ, барқарории сулҳ ва таҳкими ваҳдати миллӣ, баргузории ислоҳоти сиёсию иқтисодӣ тавонист, ки дар ташаккули бунёди давлатдорию давлатсозӣ нақши муҳим бозад.

Сипас, Фирӯзи Саймуъмин муовини Кумитаи марказии ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб вобаста ба таърихи ҳизб ва дастоварду комёбиҳои он маърӯза намуда, иброз доштанд, ки нуфузу эътибори Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз обрӯ ва маҳбубияти роҳбари хеш, Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Вазифаи бунёдии мо дар марҳилаи кунунӣ – тавассути ташкилотҳои ибтидоӣ дар амал татбиқ намудани сиёсати бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб меёбад.



Инчунин, омӯзгорон ва донишҷӯён бо маърӯзаҳои пурмуҳтавои хеш баромад намуда, нақши ҲХДТ-ро дар таҳкими давлатдорӣ ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол калидӣ арзёбӣ намуданд.

Дар охир гурӯҳи ҳаваскорон бо барномаи фарҳангӣ таъби аҳли толорро болида гардониданд.

**Ташкилоти ибтидоии ҲХДТ "Ворисони Сино"**

# ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВА НЕКРАСОВА Н.А.

30 ноября 2021 года, в «Кулябском медицинском колледже имени Рахмонзода Рахматулло Азиз» преподавателями кафедры русского языка был проведён литературный вечер, посвящённый 200-летию со дня рождения великого русского поэта Николая Алексеевича Некрасова. Студенты первого курса читали наизусть стихи и отрывки из поэм выдающегося поэта Н.А. Некрасова. Мероприятие открыла заведующая кафедры русского языка Курбоналиева Л.Б., котора я в своем выступлении подчеркнула вклад этого гениального поэта в развитии русской и мировой литературы, также преподаватель кафедры Джалолов Х.Д. выступил с докладом на тему «Неизвестные факты из жизни и деятельности Н.А. Некрасова». Мероприятие было проведено на высоком культурном и познавательном уровне.



**Зав. кафедрой русского языка Курбоналиева Л.Б.**

# ҒОЛИБИЯТИ ДАСТАИ КТК ДАР МАРҲИЛАИ ДУЮМИ МУСОБИҚАИ ҶУМҲУРИЯВӢ ОИД БА ВОЛЕЙБОЛ БАЙНИ ДОНИШҶӮЁНИ МТО МК

Дар ноҳияи Данғара рӯзи 19 декбари соли ҷорӣ даври вилоятии мусобиқаи варзишӣ оид ба Волейбол байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ баргузор гардид. Дар он чор даста,аз ҷумла дастаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб, Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб ва Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А. қувваозмоӣ намуданд. Дастаи МДТ "Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А." дар мусобиқаи мазкур сазовори ҷойи аввал гардид. .

**"Дармонбахш"**



# ВНМО – ХАТАР БАРОИ ҶОМЕАИ СОЛИМ



Санаи 01 декабри соли равон дар МДТ «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз» аз тарафи кафедраҳои кори ҳамширагӣ, тибби оилавӣ ва кафедраи момоӣ ва бемориҳои занона конфронсҳои таълимӣ, бахшида ба Рӯзи ҷаҳонии мубориза алайҳи Вируси норасоии масунияти инсон (ВНМО-ВИЧ), Алоими ғайримодарзодии норасоии масуният (АҒНМИ-СПИД) ташкилу баргузор гардиданд. Дар конфронсҳо намояндагон аз Маркази шаҳрӣ пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО иштирок доштанд. Дар конфронс устодону донишҷӯён бо маърӯзаҳо дар бораи ВНМО, роҳҳои паҳнёбии он ва усулҳои пешгирии паҳнёбии ин беморӣ дар байни аҳолӣ суханронӣ намуданд. Аз ҷумла қайд карда шуд, ки ҳамасола 1 декабр – Рӯзи умумиҷаҳонии мубориза алайҳи Вируси Норасоии Масунияти Одам қайд карда мешавад. Ҳадафи он баланд бардоштани сатҳи огоҳии одамон оид ба роҳҳои сироятёбӣ ва пешгирии паҳнёбии ин беморӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо мақсади пешгирӣ аз паҳншавии ин беморӣ чораҳои зарурӣ андешида мешаванд, аз ҷумла Барномаи миллии мубориза бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, ки дар он нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии паҳнёбии ин вируси барои инсоният хатарнок амалӣ карда мешаванд. Аввалин маротиба ВНМО – соли 1983 дар ду лабаратория аз ҳамдигар новобаста кашф гардидааст. Дар донишкадаи Пастер дар Фаронса таҳти роҳбарии Люк Монтаньева дар Донишкадаи миллии бемориҳои саратон дар ИМА таҳти роҳбарии Роберт Галло. Тадқиқотчиён пешниҳод намуданд, ки вирусҳои аз ҷониби онҳо ҷудо шуда метавонанд боиси гирифтории бемории пайдошудаи норасоии масунияти (СПИД) гарданд. Соли 1986 маълум гардид, ки вирусҳои аз ҷониби муҳақиқони Фаронсавӣ ва Амрикоӣ кашф шуда, комилан ба ҳам мутобиқанд. Одам аз вируси норасоии масуният бо чунин роҳҳо сироят меёбад:

1) Тамос бо хун (Ҳангоми истифодаи сӯзандоруҳо, хунгузаронӣ, таҷҳизоти тиббии тамизношуда)

2) Алоқаи ҷинсӣ (ҳангоми алоқаи ҷинсӣ бо шахсони бегона бе истифода аз рифола)

3) Аз модар ба кӯдак (ҳангоми ҳомиладорӣ, таваллуд, ширмаконӣ)

Дар ҳамаи моеъҳои биологии организм вирус вуҷуд дорад, аз ҷумла дар хун, нутфа, тарашуҳоти маҳбал, шири сина. Марҳилаи ноаёни аз 3 то 6 моҳро дар бар мегирад. Шахс метавонад сироят ёфта бошад, аммо дар муддати то 3 ё 6 моҳ мавҷуд будани вирус дар хун ҳангоми ташхиси лабараторӣ муайян карда намешавад. Давраи инкубатсионӣ аз 2 то 10 сол бе ягон аломатҳои клиникӣ давом меёбад. Марҳилаи охирини сирояти ВНМО ин Бемории пайдошудаи норасоии масуният мебошад, ки метавонад бо гузашти аз 2 -15 сол вобаста ба ҳолати масъунияти инсон инкишоф ёбад. Дар марҳилаи ташаккули беморӣ дар шахси бемор аломатҳои вазнини барои норасоии масуният хос пайдо мешаванд, аз ҷумла инкишофи баъзе намудҳои бемории саратон, сироятҳо ва дигар аломатҳои вазнини клиникӣ.

Роҳҳои пешгирӣ аз сироят инҳоянд:

**Риоя намудани тарзи ҳаёти солим.**

**Истифодаи таҷҳизотҳои тиббии яккарата.**

Доштани танҳо як ҳамхоба ва истифодаи рифола ҳангоми алоқаи ҷинсӣ бо шахсони бегона.

Муоинаи ҳатмии шахсони аз муҳоҷирати меҳнатӣ, маҳбас, баргашта, нашъамандони тазриқӣ (инъексионӣ).

Муоинаи ҳатмии никоҳшавандагон то аҳди никоҳ.

Агар зани ҳомила гирифтори ВНМО бошад, ҳатман муолиҷаи зидди ретровирусӣ бояд қабул кунад. Занҳое, ки табобати зиди ретровирусиро гирифтаанд, ҳангоми таваллуд хавфи сироятёбии тифл то 2% мебошад.

**«Дармонбахш»**

# МАВЛУДАТОН МУБОРАК!

**Маъмурият, ҳайати омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» ба номи Раҳмонзода Раҳматулло Азиз ва аҳли эҷоди рӯзномаи «Дармонбахш» ба омӯзгорон:**

1. **УМЕДАИ ШЕРАЛӢ, 03.12.1990,** муаллимаи фанни ҳуқуқ;
2. **МУСКИНОВ ШУҲРАТ,** 03.12.1979, муаллими фанни химияи органикӣ;
3. **АБДУЛЛОЕВА МАНИЖА,** 04.12.1995, муаллимаи фанни химия ва биология;
4. **АСОЗОДА ИЛҲОМ,** 05.12.1986, муаллими фанни тарбияи ҷисмонӣ;
5. **ФАРИДДУНИ ҶУМЪАХОН,** 07.12.1991, муаллими фанни анатомия;
6. **ЯТИМОВА ГУЛАНДОМ,** 10.12.1973, омӯзгори кафедраи гуманитарӣ;
7. **НАЗАРОВА ЗУЛФИЯ,** 11.12.1995, декани факултаи момоӣ;
8. ЮСУПОВА ҶАМИЛА, 11.12.1991, ҷонишини декани факултети кори момоӣ;
9. **ГУЛОВ БАХТИЁР**, 14.12.1985, муаллими фанни технологияи информатсионӣ;
10. **ГУЛБАРГИ АМРИДДИН,** 19.12.1994, муаллимаи фанни забони тоҷикӣ;
11. **ҲАКИМОВА МАНЗУРА,** 20.12.1977, муаллимаи фанни забони лотинӣ;
12. **НАБОТОВА МОҲИРА,** 22.12.1995, омӯзгори фанни кори ҳамширагӣ дар момоӣ;
13. **ҚАРЧИЕВА ШУКРОНА,** 27.12.1993, ҷонишини декани дандонсозӣ;
14. **БАРОТОВА МАРҶОНА,** 29.12.1986, муаллимаи фанни микробиология;
15. **РӮЗИЕВА САЙЁРА,** 31.12.1974, муаллимаи кафедраи умумибиологӣ;

ки дар моҳи декабр ҷашни мавлуд доранд ба соҳибҷашнҳо дуои бардавоми умр ва барору муваффақиятҳоро аз даргоҳи Худованди сахиву бахшоянда хоста, аз номи шоир баҳрашон гуфтанием:

**Хоҳем шуморо ҳамеша**
**хандон бинем,**
**Дар хонаи шумо файзи**
**фаровон бинем.**
**Дар дил ба ҳар умед, ки**
**доред бирасед,**
**Мо шодию бахти хеш дар**
**он бинем.**
**Мавлуди накуи умр бодо**
**табрик.**
**Ин як зи ҳазори умр бодо**
**табрик.**
**Ҳар авҷу барор бахту**
**толеъятон бод,**
**Ин авҷу барори умр бодо**
**табрик.**

Бигузор барои амалӣ намудани нақшаҳои беохиру хоҳишҳояшон ҳамеша вақти кофиву имконият фароҳам бошад. Мавлудашонро мо муборакбод мегӯем.

**ЗОДРӮЗ МУБОРАК ОМӮЗГОРОН ВА КОРМАНДОНИ АЗИЗ!**